Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, бинои таълимии 8, синф. 102)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи, Тағойназарзода Амриддин дар мавзӯи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешкаш карда мешавад.**

Соҳибкории давлатӣ шакли фаъолияти сармоягузорӣ, истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки дар баробари гирифтани даромад инчунин вазифаи беҳсозии бахши ҷамъиятиро низ доро мебошад. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми соҳибкории давлатӣ аз ҷониби олимон омухта ва баррасӣ мегардад. Аммо, дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда оид ба ин масъала ишора карда нашудааст. Давлат ҳамчун соҳибкор бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул набуда ба воситаи намояндаҳои худ ба фаъолияти иқтисодии фоидаовар машғул мебошад. Воридшавии давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ тақозои замон мебошад. Ба фаъолияти соҳибкорӣ ру овардани давлат тақозои замон аст, зеро дар баробари гузариш ба иқтисоди бозорӣ мавқеи давлат ҳамчун истеҳсолкунанда хеле коҳиш ёфта буд. Дар шароити муосир яке аз мушкилоти асосии бахши давлатӣ ин пастбудани самаранокии он ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир бар гардиши бозорӣ ворид намудани корхонаҳои давлатӣ, самтгирии онҳо ба суи ҷоринамоии навгонӣ, рақамикунонии амалиётҳои ҷудогона хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар ҳамаи давру замон нақши давлат дар ташаккулёбӣ ва амалнамоии иқтисодиёт назаррас буд. Аз инҷост, ки соҳибкории давлатӣ низ яке аз унсурҳои таркибии фаъолияти давлат ба ҳисоб меравад. Соҳибкории давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари гузариш ба иқтисоди бозорӣ ташаккул ёфта ҳамчун самти муҳими танзими истеҳсолоти ҷамъиятӣ баромад менамояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки намояндагони мактабҳои иқтисодӣ аз ҷумла А. Смит, Д Рикардо, Ҷ. Кейнс дар бораи муҳимияти нақши давлат ва фаъолияти он ақидаҳои хешро баён намудаанд. Махсусан муаллиф қайд менамояд, ки таълимоти мактаби кейнсионӣ дар мавриди устувор

гардонидани мавқеи давлат ҳамчун танзимгари фаъолияти иқтисодӣ хеле назарас мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ соҳибкории давлатӣ ҳамчун бахши муҳими давлатӣ ҳисобида мешавад. Мувофиқи ақидаи диссертант соҳибкории давлатӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкории корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳо ва фирмаҳо бо иштироки сармояи давлатӣ мебошад, ки ба расидан ва нигоҳдошти мувозинати макроиқтисодӣ, истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ ва ҳамзамон бартарафсозии ҳолати бухронӣ дар иқтисод равона шудааст[7]. Аз ин ҷо бармеояд, ки соҳибкории давлатӣ яке аз унсурҳои муҳими танзими давлатии иқтисодиёт мебошад.

Самтҳои асосии такмили бахши давлатӣ ҳамчун омили рушди соҳибкории давлатӣ асоснок карда шуданд. Муайян карда шудааст, ки дар шароити муосир муҳимтарин самтҳои такмили соҳибкории давлатӣ вусъат бахшидан ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки соҳибкории давлатӣ, инчунин такмили механизми танзими он маҳсуб меёбад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои мусоидат ба рушди соҳибкории давлатӣ ҳамчун омили баланд бардоштани шуғли аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шаҳрӣ дар раванди таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории давлати, нигаронидашуда, истифода шуда метавонанд.

Дар баробари ин, автореферати диссертатсия аз баъзе норасогихо ва камбудихо орӣ нест. Дар миёни онхо, метавон ба норасогихо ва камбудихои зерин ишора намуд:

1. Дар саҳифаи 17 автореферат расми 1. муаллиф шакли иштироки давлат дар фаъолияти соҳибкориро овардааст. Аммо, дар матни автореферат оид ба низоми хариди шартномавӣ, ки ба ақидаи муаллиф яке аз шаклҳои иштироки давлат дар фаъолияти соҳибкорӣ мебошад кам тавзеҳ дода шудааст;

2. Маълумотҳои омории дар ҷадвалҳо овардашуда барои арзёбии фаъолияти соҳибкории давлатӣ хеле аҳамиятнок мебошанд. Аммо хуб мебуд агар муаллиф маълумотҳои 5 соли охирро таҳлил намуда хулосабарорӣ менамоуд.

Дар умум эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш

намедиҳад. Инчунин, бояд қайд кард, ки диссертатсияи иҷронамудаи Тағойназарзода Амриддин таҳқиқоти комил ва ба итмомрасида ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ аз таҳлилу баррасии афтореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Тағойназарзода Амриддин дар мавзӯи «Асосҳои назариявии таҳқиқи соҳибкории давлатӣ ва бахши давлатӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст.

Бинобар ин Тағойназарзода Амриддин сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Директори Институти иқтисодиёт ва
демографияи АМИТ, д.и.и. Бобозода К.О.

Имзои О.К. Бобозодаро -ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳои
ИИД АМИТ Махсудшоева З.Д.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6А
Телефон/Fax: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65 Fax: +992 (37) 221-67-50
Суроғаи электронӣ: info@ied.tj

24. 11. соли 2025